# 106559 - Оё барои зан ҷоиз аст, ки дар ҳоли эҳром либосҳои ранга бипӯшад?

**савол**

Оё барои зан ҷоиз аст, ки дар ҳаҷ либосҳои ранга, ба монанди сафед, сабз ва сиёҳ бипӯшад?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Бале, барои зан дар эҳром ҷоиз аст, ки ҳар либосеро ки бихоҳад, бипӯшад, аммо набояд зинати худро дар назди мардони номаҳрам намоён кунад, зеро барои зан либоси махсус барои эҳром вуҷуд надорад, бар хилофи мард, ки ӯ (дар ҳоли эҳром) курта, изор, салла, кулоҳ ва масҳӣ намепӯшад. Аммо дар мавриди зан, пӯшидани дастпӯшак, ниқоб ва ороиши зебу зинат манъ аст". Поёни сухан.

"Маҷмӯу фатово"-и Ибни Усаймин (22/181).